# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи: «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия)

Дар автореферати диссертасияи мазкур хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, муқаррар намудани дараҷаи обтаъминкунии ҳавза ва коркарди асосҳои илмӣ-амалии истифодаи самараноки захираҳои об вобаста ба шароитҳои иқлимӣ муфассал оварда шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия бо назардошти истифодаи маълумотҳои оморӣ ва натиҷаҳои бадастоварда пешниҳод намудааст, ки сатҳи оби дарё ва даврияти гидрологӣ вобаста ба ояндабинӣ бо истифодаи моделҳои математикӣ ва таҳлили бисёрсолаи замонбандӣ метавонанд пешгӯӣ карда шаванд. Ин имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳлили бисёрсола ва арзёбии хусусиятҳои даврияти гидрологии захираҳои оби ҳавзаи дарё, инчунин алоқамандии даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳонро вобаста аз нишондиҳандаҳои шароитҳои иқлимии ҳавза бадаст овард.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич ба таҳлили хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста аз шароитҳои иқлимӣ барои банақшагирии истифодабарии захираҳои об ба таври самаранок, методология ва таҳияи амсилаҳои математикӣ, ки раванди даврияти гидрологиро бо дарназардошти омилҳои гуногуни дараҷаи обнокии ҳавзаи дарё ва хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар бар мегирад, натиҷаҳои арзёбии тағйирот, ничунин хусусиятҳои ташаккули захираҳои оби ҳавзаи дарё ва пешгӯии обнокии онро, ки барои таҳияи нақшаи идоракунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об заминаи илмӣ мегузорад, мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо истифодаи моделсозии математикӣ ва ҳисобҳои статистикӣ сатҳи оби дарё дар шароити тағйирёбии иқлим бо эътимоднокӣ муайян карда шуда, барои қабули қарорҳои стратегӣ дар истифодаи захираҳои об заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Инчунин натиҷаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки саҳми муаллиф таҳқиқоти муфассалро ҷиҳати таҳлили тавозуни об, тағйироти мавсимӣ дар таркиби гидрохимиявӣ ва омилҳое, ки ба сифати манбаъҳои об таъсир мерасонанд, зиёд мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия оид ба хусусиятҳои тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, хусусан дараҷаи камшавии максималӣ ва зиёдшавии минималӣ асосанок карда шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки дар минтақаи тақсимотӣ ва паҳншавии маҷрои дарёи Кофарниҳон вазъи хоҷагии об, бахусус, масъалаҳои обтаъминкунии минтақаҳои аҳолинишин, объектҳои саноатӣ ва обёрии заминҳо рӯ ба афзоиш дорад.

Натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки тамоюли тағйирёбии маҷрои дарё, барои давраҳои интихобшуда, бе дарназардошти даврияти маҷро, самти бисёрсолаи маҷрои дарёро тавсиф намекунад. Муқаррар карда шудааст, ки истифодабарии самараноки захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон барои соҳаҳои муҳиму стратегии хоҷагии об, вобаста ба таъсири гармшавии глобалии иқлим ва дигар омилҳо бе дарназардошти арзёбии даврияти гидрологӣ метавонад ба хулосаҳои носаҳеҳ оварда расонад.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ таҳқиқи хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста ба шароитҳои иқлимӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки яке аз бузургиҳои бештар истифодашавандаи ҳисобӣ ин ҳисоби сарфи минималии миёнамоҳонаи об ба шумор меравад.

Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар боби сеюми кори диссертатсионӣ таҳқиқот оид ба амсиласозии математикии даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон вобаста ба нишондиҳандаҳои метеорологӣ, инчунин хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои оби ҳавза бахшида шудааст.

Муаллиф вазифаи асосии худро дар таҳлили хусусиятҳои даврияти гидрологии дарё ва алоқамандии он бо нишондиҳандаҳои иқлимӣ қарор дода, ҳамзамон тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои истифодаи самараноки захираҳои об пешниҳод намудааст.

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбат, якчанд ҷанбаҳо сазовори таваҷҷӯҳанд:

- Дар авторeферати диссертасияи тавсифи муфассалтари усулҳои таҳлилӣ, ки барои арзёбии беҳтари мувофиқати онҳо бо ҳадафҳои эълоншудаи кор истифода мешаванд, қадр карда мешуд.
- Хулосаҳои пешниҳодшуда сазовори тавзеҳот мебошанд - масалан, кадом тавсияҳои мушаххас барои беҳтар кардани ҳолати манбаъҳои гидрологӣ пешниҳод шудаанд?

Дар умум кор мусбат аст ва сатҳи баланди тахассуси муаллифро нишон медиҳад. Мавзӯи таҳқиқот на танҳо аҳамияти илмӣ, балки амалӣ низ дорад, ки сазовори таҳсини муаллиф мебошад.

**Хулоса,** автореферат дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои банақшагирии истифодаи самараноки захираҳои об, пешгирӣ аз камобӣ ва хушксолӣ, беҳтар кардани самаранокии иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист хизмат кунанд. Ҳамзамон методологияи таҳлил ва моделсозӣ имкон медиҳад, ки сатҳи об ва даврияти гидрологӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун ва тағйирёбии иқлим пешгӯӣ карда шаванд.

Бо дарназардошти ҳамаи таҳлилҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда, автореферат тавсия дода мешавад, ки барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад..

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои география Раҳимов А.И.

Имзои А.И.Раҳимовро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Суроға:**
Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
факс: 6-75-18; E-mail: https://www.hgu.tj rector@ hgu.tj

"___" _________ соли 2026.